**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O19-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст, ки ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Татбиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмини зиндагии арзандаи ҳар як шаҳрванд равона шудааст, раванди мураккабест, ки бо имконияти татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи меҳнат зич алоқаманд аст, зеро унсури муҳимтарини расидан ба ҳадафҳои зиндагии арзандаи инсон меҳнати шоиста мебошад. Меҳнат ҳамчун манбаи зиндагии арзанда асоси давлати иҷтимоӣ низ мебошад.

Дар шароити муосири ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёд ва

ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии он аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Ҳалли масоили танзими ҳуқуқӣ-конститусионии муносибатҳои ҷамъиятӣ самти стратегии рушди ҳар як давлат буда, аз бисёр ҷиҳатҳо на танҳо сатҳи некӯаҳволии воқеии шаҳрвандонро муайян менамояд, балки бевосита барои мавҷудияти ҳар як шахс шароити зарурӣ фароҳам оварда, ба ин васила суботи иҷтимоӣ ва миллӣ, амнияти давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ кафолат дода мешавад.

Ҳуқуқ ба меҳнат яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои конститутсионии инсон буда, татбиқи ин ҳуқуқ имконияти татбиқи як қатор ҳуқуқҳои дигари иҷтимоӣ-меҳнатиро муайян мекунад. Муқаррароти дарҷгардида ба мазмуни танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла дар таъмини имконият ва эҳтиёҷоти инсон ва шаҳрванд барои интихоби озодонаи муносибати худ ба фаъолияти меҳнатӣ, таъмини ҳамаҷонибаи конститутсионии ҳуқуқу озодиҳо дар соҳаи меҳнат таъсири мусбат расониданд.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳкими чунин принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат, аз қабили «озодии меҳнат», «манъи меҳнати маҷбурӣ», «муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнат» яке аз асосҳои конститутсионии гузариш аз иқтисоди фармондиҳӣ-маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ гардид. Дар шароити нави хоҷагидорӣ таҳқиқи моҳияти меҳнат, фаъолияти меҳнатӣ ва муқаррароти ба он алоқаманд дар бораи озодии меҳнат ва ҳуқуқ ба меҳнат; таносуби байни категорияҳои «озодии меҳнат» ва «ҳуқуқи меҳнат»; хусусиятҳои хос ва асосии стандартҳои байналмилалии меҳнат ва муқаррароти қонунгузории муосири конститутсионӣ; вазъи танзими ҳуқуқи-конститутсионии озодии меҳнат ва ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолатҳо, маҳдудиятҳо ва ҳифзи татбиқи онҳо масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то кунун

таҳқиқоти бунёдӣ вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои такмили қонунгузории миллӣ роҷеъ ба ин масъала дастрас нест.

Нуктаҳои дар боло зикргардида, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян намуда, талаб менамоянд, ки баҳри такмили қонунгузорӣ оид ба амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат пешниҳодҳои самаранок таҳия карда шуда, имконияти дар амалия татбиқи онро боз ҳам зиёдтар гардонад. Дар робита бо ин, муайян кардани роҳҳои боз ҳам дурусти ҳалли масоили мазкур, дар шароити воқеияти муосир, басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат мебошад, ки дар он пурра мафҳум ва моҳияти конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ, мавқеи ҳуқуқ ба меҳнат дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва алоқамандии он бо дигар ҳуқуқҳои инсон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола – **«Механизми амалигардонии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон »** аз чор зербоб иборат буда, дар доираи он тартиби амалишавии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолатҳои давлатии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шакл ва усулҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навгонии ҷиддӣ дар фазои илми

ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи конститутсионии кишвар маҳсуб мегардад. Он аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки дар он масоили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурӣ баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад.

Дар рисолаи илмии мазкур бори аввал намудҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, оварда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф дар рисолаи илмии мазкур мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ нишон дода, зери ин мафҳум ҳуқуқеро фаҳмидааст, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро бахри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад.

Муаллиф ҳуқуқ ба меҳнатро дар фаҳмиши болозикр тавсиф намуда, қайд менамояд, ки асоси онро ифодаи ихтиёрии шахс ба фаъолияти меҳнатӣ ташкил медиҳад. Инчунин, муаллиф танзими мустақиман ва бавоситаи конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро таҳлил намуда, дарҷ менамояд, ки ин ҳуқуқ бевосита дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, унсурҳои зеринро дар бар мегирад: ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнат бошад дар моддаҳои 12, 28, 37 ва 39-и Конститутсия мушоҳида мешавад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешаванд, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, бо назардошти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи дуруст интихобшуда, ба муҳаққиқ имкон медиҳанд, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани

рисолаи мазкур, муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро таҳлил намуда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маводи амалияи судӣ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо барои истифода аз онҳо.** Хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида бешубҳа арзиши илмӣ дошта, дар инкишофи назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Натиҷаҳои кор метавонанд дар коркарди минбаъдаи масъалаҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар кор ҷойдошта мумкин аст, дар рафти такмилдиҳии минбаъдаи меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории меҳнатии давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ хизмат намоянд.

Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар ҷараёни омӯзиши курсҳои таълимии ҳуқуқи конститусионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи инсон ҳангоми тайёр намудани маводи таълимӣ истифода шаванд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Дар зербоби 1 боби якум муаллиф табиати ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро таҳлил намуда қайд менамояд, ки масъалаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ ҳамчун «ҳуқуқ» ё «озодӣ» аз нақш ва дараҷаи

иштироки давлат дар ин раванд сарчашма мегирад. Мафҳуми «ҳуқуқ» хусусияти маҳсулӣ, яъне ҷанбаи позитивӣ дорад, дар ҳоле ки мафҳуми «озодӣ» хусусияти табииро дорост, яъне аз ҳолати табиати инсон бармеояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон иброз намуд, ки муносибатҳои ҳуқуқии мазкур хусусияти комплексӣ доранд, яъне ҳуқуқ ба меҳнат новобаста ба моҳияти табиӣ-ҳуқуқӣ доштанаш, инчунин, унсурҳои ҳуқуқи позитивиро дар худ мустаҳкам намудааст. Аз нигоҳи мо, «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» ифодакунандаи як мафҳум буда, ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд. Ақидаи иброзшуда баҳснок мебошад, зеро табиати ҳуқуқии мафҳуми “ҳуқуқи инсон” ва “озодии инсон” ҳамшабеҳ ҳам бошанд, аз як дигар фарқ мекунанд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи баррасишаванда ба сифати “ҳуқуқ” на “озодӣ” дарҷ шудааст ва вобаста ба ин унсурҳои ба худ хосро доро мебошад.

2. Дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи танзими фаъолияти меҳнатӣ ба масоили мубрам мубадал гаштааст. Ҳалли масъалаҳои меҳнати иҷборӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба самтҳои авзалиятноки давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ мубадал гаштааст. Дар бисёри ҳолатҳо мушкили дар ин самт садди роҳи амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат мегарданд. Рисоланавис ҳангоми таҳлил ба масъалаҳои номбаршуда ишора мекунад, аммо ақидаҳои худро оиди бартараф намудани мушкилиҳо дар ин самт вуқуддоштаро баён намекунад. Хуб мешуд, ки дар чараёни ҳимояи ошкоро муаллиф оиди ин масъалаҳои фикри худро баён менамуд.

3. Дар рисола муаллиф таҳлили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро гузаронда, онро дар се гуруҳи санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷудо намудааст:

- Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

- Дар қонунгузории соҳавӣ.

Муаллиф ишора мекунад, ки дар амалӣ кардани ҳуқуқ ба меҳнат нақши санадҳои зерқонунӣ низ назаррас мебошад. Ба онҳо амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дохил мешаванд. Инчунин ӯ санадҳои локалие, ки аз ҷониби корфармоён қабул мешавад, ворид намудааст. Санадҳои зерқонунии номбаршуда дар асл нақши муҳим дар таъмини ҳуқуқ ба меҳнат доранд. Ҳамзамон, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ нақши асосиро инчунин консепсия, стратегия ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки характери пешгӯи доранд, назаррас аст. Мутаъсифона дар рисолаи худ муаллиф нақш ва мавқеи чунин намуди санадҳоро дар танзими ҳуқуқ ба меҳнат наовардааст.

4. Дар рисола паҳлуҳои гуногуни назариявии ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнати таҳлил шудаанд. Муаллиф онро ба се зернизом, вобаста ба нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми амалишавии ҳуқуқи инсон тақсим намудааст. Аммо мутаъсифона дар зербоби мазкур таҳлили амалии фаъолияти мақомотҳои дахлдор гузаронад нашудааст, аз ҷумла тачрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳои меҳнатӣ, фаъолияти иттифоқи касаба, арбитражи меҳнатӣ ва ғайра.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда тавсиявӣ буда, сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст наменамоянд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи масоили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо забони давлатӣ навишта шуда, бо навоварӣ ва хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллиф фарқ мекунад ва рисоларо ҳамчун як таҳқиқоти илмии мустақил, эҷодкорона ва мукаммал таҷдид намудааст, ки ба тамоми талабот ҷавобгӯ мебошад. Автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ дар маҷмуъ муаллифи 14 мақолаи илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, аз ин 8-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзозода Ш.М. ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат намуда, боиси он мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва такмили соҳаи ҳуқуқи конститусионӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи амалишавии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи инсон, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо, инчунин дар амалия метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Мирзозода Шаҳриёр Мунаварро нишон медиҳанд.

Дар умум, Мирзозода Шаҳриёр Мунавар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ буда, тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

Сарходими илмии Шуъбаи таърихи давлат
ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Зоир Ҷ.М.

**Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони шуъбаи кадрхои Институти
фалсафа, сиёсатшиносй ва хукуки
ба номи А.М. Баховаддинови АМИТ Абдураҳмонзода Б. А.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33.
Телефон. (992) 37 221-65-85.

**«03» 04 соли 2024**